«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, Хушвахтзода Қ.Х.
______________________
«_03_»_________2020

# ХУЛОСА
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «**Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва кишварҳои Осиёи Марказӣ**» дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгохи миллии Точикистон иҷро карда шудааст. Ҳангоми тайёр намудани рисолаи диссертатсионӣ Асрорзода Убайдулло Саттор ба ҳайси ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат фаъолият мекунад.

Асрорзода Убайдулло Саттор соли 2008 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз руйи ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» хатм намудааст. Рисолаи номзадиро соли 2011 дар мавзӯи “Бозори озуқаворӣ ва такмили механизмҳои танзими давлатии он” дар Шӯрои диссертатсионии К 737.009.01 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.01 назарияи иқтисодӣ ҳимоя намудааст.

**Мушовири илмӣ** – Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт - д.и.и., ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Асрорзода У.С. дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23.10.2015, протоколи №3 тасдиқ шудааст.

**Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи рисола дар мавзӯи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва кишварҳои Осиёи Марказӣ» чунин хулоса бароварда шуд:**

**1.Арзёбии корҳое, ки унвонҷӯ анҷом додааст:**

Диссертатсияи дар мавзӯи **«Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва кишварҳои Осиёи Марказӣ »**

**1.** Таҳқиқоти диссертатсионии Асрорзода Убайдулло Саттор дар мавзӯи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва кишварҳои Осиёи Марказӣ» ба мавзӯи мубрам бахшида шуда, бо забони хуби илмӣ навишта шудааст. Мавзуъ таҳқиқоти тахассусии баитмомрасидаи илмӣ буда, ҳадафҳои гузошташуда иҷро гардидааст. Вазифаҳои гузошташуда вобаста ба усулҳои интихобгардида ва аппарати методологӣ ҳалли худро пурра ёфта, баҳои таҳлилҳои гузаронидашуда дода шудааст. Хулоса ва тавсияҳо асоснок карда шудаанд.

## 2. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар натиҷаҳои ба дастомадаи диссертатсия:

**2.** Муаллиф дар ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ба монанди коркарди мавзӯъ, асосноккунии муҳимият, мақсад ва вазифаҳо бевосита ширкат варзидааст. Муаллиф оиди беҳбуди назарияи самаранокии муносибатҳои иқтисодии байнисарҳадӣ ва хусусан байни иқтисоди нақшави бузург ва иқтисодҳои бозорӣ, ки нав арзи рушд намудаанд саҳми назаррас гузоштааст. Дар асоси таҳқиқи вазъи гузашта ва имрӯзаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин муаллиф ба хулоса омадааст, ки чунин робитаҳо чандон мукаммал нестанд ва аз назари манфиатҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ устувории рушди иқтисодро таъмин карда наметавонанд. Чунин хулосабарорӣ дар таърихи омӯзиши алоқаҳои навтарини байни ду тарафи номбурда аслӣ мебошад ва новобаста ба баъзе норасоиҳо сазовори муҳокимаи сохторҳои давлатӣ шуда метавонад. Муаллиф оиди беҳбуди вазъият ва хусусан, суботкорона амалӣ гардонидани тағйироти қатъӣ ва ба вуҷуд овардани мақоми нави иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказӣ хулоса ва таклифҳои шахсан таҳия намудаи худро пешниҳод намудааст. Амалӣ гардонидани чунин хулосаю таклифҳо бидуни шубҳа барои боло рафтан сатҳи иқтисоди макро-минтақаи Осиёи Марказӣ мадад хоҳад расонид. Инчунин, доир ба мавзӯи зикргардида муаллиф 17 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки онҳо дар нашрияҳое, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, чоп гардидаанд..

**3. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Дар асоси гузаронидани таҷрибаҳо, мушоҳидаҳо, саҳеҳии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳлиливу таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудааст. Зимни ҳалли масъалаҳои таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ усулҳои зерин истифода бурда шудаанд: таърихӣ ва диалектикӣ бо назардошти таҳлили сифатию миқдорӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, баҳои экспертӣ ва таҳлили оморӣ усули монографӣ, усули таҳлилию қиёсӣ, усули таҷрибавию озмоишӣ ва ғ. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ, рушд ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намуданд.

**Ҳадафи таҳқиқот.** Ҳадафи тадқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки консепсияи рушди робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҶХХ бо назардошти таъмини баробарвазнии манфиатҳо ва барқароркунии балансе байни онҳо, инчунин таҳияи тавсияҳои конкретӣ оиди такмилу беҳбудии робитаҳои болозикргардида ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодию иҷтимоию сиёсии такомули муносибатҳои савдо ва коорператсияи истеҳсолӣ дар байни тарафҳои номбурда, илман асоснок карда шавад..

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии ҷиҳатҳои назариявию методологии тадқиқоти робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҶХХ ва хусусан робитаҳои транс-сарҳадӣ дар шароити глобализатсияи иқтисодӣ ва дигаргун шудани манзараи геоиқтисодии ҷаҳон акси худро меёбад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки роҳҳои гуногуни танзими робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни ҶХХ ва кишварҳои Осиёи Марказиро нишон диҳад.

1. Натиҷаи аз ҳама муҳимтарине, ки муаллиф ба даст овардааст ва навгониҳои он ба таври зер нишон дода шудаанд.

Асосҳои идеявию консептуалии рушди муносибатҳои тиҷорати иқтисодии байни макро-минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Халқии Хитой илман асоснок гардидаанд. Хулоса, оиди табиати неолибералӣ доштани Чин дар алоқаҳои иқтисодии беруниаш ва ба консепсияи “тиҷорати озод” содиқ будани ин давлат исбот карда шудааст. Аз ин рӯ, зарурияти ислоҳоти қатъӣ оиди муносибатҳои болозикргардида, таъкид карда мешавад. Ақида, ки мувофиқи он чунин муносибатҳо хусусияти неомустамликавӣ доранд исбот карда шудааст. Робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҶХХ дар шакли имрӯзааш торафт бештар манфиатҳои геополитикии Чинро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, масъала гузошта мешавад, ки чунин робитаҳо бо назардошти манофеъ ва талаботи тарафайн аз нав сохта шаванд.

2. Ибтидо, яъне эволютсияи робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Миёна ва Чин мавриди таҳлил қарор гирифта, хулосае арзи вуҷуд кардааст, ки мувофиқи он бо мурури замон ҳукумати Чин бештар манфиати худро дар ин макроминтақа ба назар мегирифтагӣ шуд ва ба таври пинҳонӣ як навъ рақобатро нисбат ба ширкатҳои Руссия дар Осиёи Марказӣ роҳандозӣ намуд. Натоиҷи рӯшани чунин рақобат ба нафъи ширкатҳои Чин мебошад. Исбот карда шудааст, ки ширкатҳои Чин то ба ин сатҳ, агар дастгирии ҳукумати Чин намебуд, ба Осиёи Марказӣ ворид шуда наметавонистанд. Дар замонҳои аввали рушди робитаҳои номбурда ҷолибии молҳои Чин дар асоси собиткорона амалӣ гардонидани сиёсати “Ден Пинг” амалӣ гардид. Тавассути чунин сиёсат сар то сари минтақа нақшаи Чин ва чиноиҳо дар назари мардум хеле баҳтар гардид. Дар айни замон сиёсати неолибералии Чин нисбати тиҷорат бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ боиси аз кор мондани даҳҳо ҳазор корхонаҳое гардид, ки ба истеҳсоли маводҳои истеъмоли халқӣ, асбобу анҷоми рӯзгор ва маснуоти бинокорӣ машғул буданд. Ин соҳаҳо комилан аз байн рафтанд;

3. Аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии робитаҳои тиҷоратии иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Чин ба таври рӯшану возеҳ нишон дода шудааст. Аз ҷумла, торафт бештар қавӣ гардидани статусҳои иқтисодии тарафҳои бо ҳамдигар тиҷорату ҳамкорӣ дошта, хусусиятҳои ба ҳам муқобил пайдо кардаанд, ки ин дар махсусгардонии иқтисод акси худро меёбад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Чин бештар ашёи хом интиқол мекунанд ва

Чин ба Осиёи Марказӣ – маводи тайёр. Яъне, Чин аз чунин робитаҳо арзиши иловагиро комилан аз худ мекунад;

4. Дигаргуншавии моделҳои рушди иқтисодии Осиёи Марказӣ, ки тахти таъсири робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо Чин амалӣ гардидаанд, исбот карда шудааст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ кӯшиш ба харҷ доданд, ки ба модели бисёрвектораи рушди иқтисод гузаранд. Чунин кӯшишҳо дар асл маънои кос кардани вобастагӣ аз иқтисоди Руссия ва баъзе давлатҳои муштаракулманофеъро дошт. Дар модели нави ҳамкорӣ бартарии Чин эҳсос карда мешавад. Ҳукумати Чин тавонист, ки бо роҳи додани қарзҳои имтиёзнок, ҷудо кардани маблағҳо барои ёрии иқтисодӣ, зиёд кардани ёрии башардӯстона ва ғайра бартарии худро дар байни дигар давлатҳои ҷаҳон ва хусусан, қувваҳои муҳимтарини геополитикии дунё таъмин карда тавонад;

5. Дар диссертатсия проблемаҳо, душвориҳо ва монеаҳои ҳамкории иқтисодӣ дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва ҶХХ номбар карда шудаанд. Исбот гардидааст, ки дар байни алоқаҳои иқтисодӣ ва алоқаҳои сиёсӣ вобастагии бевосита вуҷуд дорад. Дар айни замон, алоқаҳо бо Россия суст гардида, бо Чину Туркияю Эрон афзоиш пайдо мекунанд. Сар то сари ин макро-минтақа равандҳои алайҳи ҳамгироӣ дар байни худи ин кишварҳо ба назар мерасад. Дар айни замон муносибатҳои ҳамгироӣ бо Чин ва хусусан бо музофоти Синсзяну Уйгур бо суръати баланд меафзояд;

6. Роҳҳои амалӣ гардонидани баробарвазнӣ дар ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Чин бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мушаххас гардидаанд. Ин хусусан, ба таносуби байни воридоту содирот дахл дорад, ки дар ҳар як ҷумҳурӣ хусусият ва сабабҳои ба худ хос дорад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки ҳатто он давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки салдои тиҷоратиашон бо Чин мусбӣ мебошад, ба нобаробарӣ ва номутавозунӣ роҳ медиҳанд, зеро онҳо ба Чин асосан ашёи хом интиқол менамоянд. Аз ин рӯ, бояд ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки на танҳо салдои тиҷоратӣ, балки таркиби таносубҳои тиҷорат комилан дигар карда шавад. Ба ғайр аз ин, зарур аст, ки хатарҳои иқтисодие, ки зимни чунин ҳамкориҳо бо Чин ба вуҷӯъ мепайвандад, дар доираи меъёрҳо нигоҳ дошта шаванд;

7. Мувофиқи тадқиқот равандҳои минтақавии ҳамгироӣ ба дигаргунсозиҳои сохторӣ ниёз доранд. Хеле хуб мешавад, агар байни ин давлатҳо шабакаи (яъне хатҳои) истеҳсолию тиҷоратӣ дар шакли пурраашон, яъне то ба сатҳи истеъмол расонидани мавод ташкил карда шаванд. Хеле муҳим аст, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамкорӣ байни ҳамдигариро, ки самараи синергетикӣ дорад аз ҳамкориҳо бо кишварҳои дурдаст авлотар донанд. Дигаргуниҳои таркибӣ танҳо дар чорчӯбаи созмони ягонаи ҳамгироии иқтисодӣ (Иттиҳоди иқтисодии Авро-Осиё) суръат гирифтанаш мумкин аст;

8. Тадқиқот ба ошкоркунии монеаҳои ҷиддӣ, ки пеши ҳамкориҳои иқтисодии минтақавиро мегиранд мақоми махсус додааст. Исбот гардидааст, ки моделҳои гуногуне, ки дар доираи минтақа баъди соҳибистиқлол шудан истифода мегардиданд, имрӯз алайҳи чунин ҳамгироӣ баромад мекунанд.

Гуфтушунидҳои дутарафа ва бисёртарафа оиди ҳамгироиҳо бояд дар асоси ба назар гирифтани манфиатҳои умум гузаронида шаванд. Чунин монеаҳо асосан тавассути тезутанд гардидани муносибатҳои байни давлатҳои ҳамсоя рух дода буданд ва ба он оварда расонидаанд, ки хароҷотҳои нақлиёту логистика дар доираи минтақа ба маротибҳои зиёд шуданд;

9. Исбот карда шудааст, ки ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои ҳар як давлат бо Чин таъсири назаррасе доранд. Ҳар қадар чунин ҳамкориҳо бо Чин вусъат ёфтан гиранд, ҳамин қадар ҳамгироиҳои минтақаҳои иқтисодӣ ба монеаҳо бештар дучор мегарданд. Аз ин рӯ, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки роҳҳои гормонализатсияи алоқаҳои тиҷоратию иқтисодии ҳар як давлат ва тамоми минтақара ба ҳарду самт аз назари рушди бошиддат нишон диҳад. Муайян карда шудааст, ки чунин пайвастагӣ бештар дар асоси такмили сохторҳои истеҳсолот, воридот ва содирот амалӣ мегарданд;

10. Тариқи тадқиқот мушаххас гардидааст, ки мавқеи Осиёи Марказӣ дар рушди иқтисодии дарозмуддати музофоти Синсзяну Уйгури Чин хеле калон мебошад. Ин бобат консепсияҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки дар асоси интиқоди сиёсати имрӯзаи Чин таҳия гардидаанд. Чин кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки алоқаҳои иқтисодӣ байни музофоти Синсзяну Уйгур ва кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳти ҳамон нақшаи амалиаш, ки ин кишварҳоро ҳамчун манбаи ашёи хом мешуморад амалӣ гардад. Чунин нақша дарояндаи дур кор карда наметавонад ва бояд қаъиян ба манфиати тарафайн тағйир ёбад. Давлатҳои Осиёи Марказӣ бояд имкон пайдо кунанд, ки бо роҳи пойдор гардонидани баробарвазнӣ ба музофоти Синсзяну Уйгур ба миқдори зарурӣ маводе интиқол созанд, ки ҳиссаи баланди арзиши иловагӣ дошта бошад;

11. Исбот шудааст, ки рушди минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва музофоти Синсзяну Уйгури Чин аз амалӣ гардонидани нақшаҳои мавҷуда, ки 3 хати нақлиётии Банди иқтисодии роҳи абрешимро дарбар мегирад, вобастагӣ дорад. Инчунин, мувофиқи ақидаи муаллиф ҳарду тараф бояд алоқаҳои логистикиро дар асоси стандартҳои байналмиллалӣ комилан роҳандозӣ намоянд. Чунин муносибатҳо танҳо дар сурате авҷ мегиранд, ки агар аз дигаргуниҳои ҷиддии сохторӣ бархӯрдор бошанд, ки онҳо бештар манфиати содиркунандагони ашёи хомро дарбар гирад ва тадриҷан ҳиссаи ашёи хом паст рафта, ҳиссаи маводи коркарди он ва ҳаҷми содироти он афзудан гирад;

12. Тавассути тадқиқот исбот гардидаст, ки дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва музофоти Синсзяну Уйғури Чин имкониятҳои ҳамгироии савдо ва коорператсияи истеҳсолот ниҳоят зиёд бошанд. Чунин имкониятҳо дар асоси омӯхтан ва бештар таваҷҷӯҳ кардан ба таҷрибаи Шӯрои ёрии байниҳамдигарии иқтисодӣ (СЭВ), ки то пошхӯрии Шӯравӣ байни давлатҳои сотсиалистӣ амал мекард роҳандоз шуданаш мумкин аст. Он амалия ба махсусгардонии байнидавлатӣ ва ҳамкории истеҳсолӣ, ки ба коорператсияи он такя мекард асос ёфта буд. Танҳо чунин тарзи муносибат метавонад зимни дигаргунсозиҳои сохторӣ зиддиятҳои мавҷударо бартараф карда тавонад;

13. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии робитаҳои иқтисодӣ дар байни Чин ва давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун объекти тадқиқот қарор гирифтанд. Исбот гардидааст, ки болоравии минбаъдаи чунин робитаҳо аз дигаргун сохтани консепсияҳои муносибатҳои берунию иқтисодӣ ва коста намудани манфиатҳои геополитикии Чин дар ин минтақа вобастагии зич дорад. Хеле зарур аст, ки ин бобат ҳамшарикии хусусию давлатӣ ва усулҳои сершумори он байни ду тараф моҳирона истифода бурда шавад. Тасдиқ гардидааст, ки алоқаҳои ҳамгироӣ бо Чин тавассути баланд бардоштани сатҳи инноватсионӣ ва иттилоотии чунин равандҳо амалӣ гардад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар таҳқиқ ва асоснок намудани ақоиди назариявӣ ва методӣ оид ба дигаргунсозиҳои қатъии робитаҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҶХХ ифодаи худро меёбад. Маводҳо ва натиҷаҳои тадқиқот барои боз ҳам аниқтар фаҳмидани зарурияти баланд бардоштани самаранокии чунин робитаҳо шароити мусоид фароҳам меоранд. Ҷиҳатҳои назариявии дисертатсия дар равандҳои таълимӣ оид ба дарсҳои "назарияи иқтисод" ва "муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ" метавонанд мавриди истифода гарданд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** хулосаҳо, таклифу тавсияҳо, ки аз тадқиқоти мафҳуми дисертатсионӣ бармеоянд, ҳамчун воситаи тадриҷан дигаргун сохтани сиёсати берунии иқтисод аз ҳарду тараф, яъне кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҶХХ бо мақсади боз ҳам техонидани суръати чунин робитаҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, инчунин расидан ба ҳадафи баробарвазнии робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ истифода хоҳанд гардид.

**4. Мутобиқати мазмуни таҳқиқот бо ихтисоси интихобшуда.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба пунктҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.14- иқтисодиёти ҷаҳон мутобиқат мекунад: Пункти 3.5. Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рӯ ба рӯ ниҳодаи хоҷагии ҷаҳонӣ, қонуниятҳои рушди ин равандҳо, баҳои ояндаи ҳамгироии иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ, ва аз ҷумла ҳамгироии иқтисодии Авруосиё; Пункти 3.11. Механизмҳои танзими тиҷорати байналмиллалӣ; Пункти 3.18. Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмиллалӣ. Ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмиллалӣ; Пункти 3.22. Инкишофи ифрасохтори байналмиллалии нақлиётӣ ва телекоммуникатсияҳо, нақши онҳо дар байналмиллалишавии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ; Пункти 3.25. Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар системаи робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибсозии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисоди миллӣ. Тазодҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва равишҳои ҳалли онҳо.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли маърӯза пешниҳод шуда, дар конфронсҳо, сессияҳо ва семинарҳои илмию амалии ҳарсолаи омӯзгорон, кормандони илмӣ ва аспирантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва

дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргузоршуда пешниҳод ва мақбул дониста шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар раванди таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, зимни гузаронидани машғулиятҳо аз фанни "Иқтисоди ҷаҳон", "Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ", истифода бурда шуданд.

**5. Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯи мавзӯи кори диссертатсионӣ 17 асари илмӣ бо ҳаҷми умумии 27 ҷузъи чопӣ, ки аз он 14-тоаш танҳо ба худи муаллиф дахл дорад ва ҳамаи онҳо дар нашрияҳое, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Руссия барӯйхат гирифта шудаанд, чоп гардидаанд ва аз ҷумла як мақола дар базаи реферативии байналмилаллӣ - Scopus ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулосаву пешниҳодҳо, руйхати адабиёт иборат мебошад. Диссертатсия фарогири 9 нақша, 11 диаграмма ва 30 ҷадвал мебошад.

**Руйхати корҳои нашршуда вобаста ба мавзӯи рисолаи илмӣ:**

**а) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Асрорзода У.С. Страны Центральной Азии: динамика экономического развития и его современное состояние // Вестник Таджикского государственного университета коммерции – Душанбе: Сино, 2018. №3. – С.173-176., 0,3 п.л. – ISSN 2308-054X

[2-М] Асрорзода У.С. Проблемы в торговле между КНР и странами Центральной Азии // Вестник Вестник Таджикского государственного университета коммерции – Душанбе: Сино, 2018. №4. – С. 133-138., 0,35 п.л., - ISSN 2308-054X

[3-М] Асрорзода У.С. Барьеры на путях регионального экономического сотрудничества и пути их преодоления // Вестник ТНУ (Научный журнал), 2019, №6 – С.83-88. 0,4 п.л.

[4-М] Асрорзода У.С. Перспективные направления интеграционных связей между Центральной Азией и КНР // Вестник ТНУ (Научный журнал), 2019, №7 – С.48-52. 0,4 п.л.

[5-М] Асрорзода У.С. Структурные аспекты региональных интеграционных процессов // Вестник финансы и экономика ТГФЭУ (Научный журнал), 2020, №1, 0,85 п.л.

[6-М] Асрорзода У.С. Центрально – азиатский регион: изменение моделей экономического роста // Вестник финансы и экономика ТГФЭУ (Научный журнал), 2020, №1, 1,0 п.л.

[7-М] Асрорзода У.С. Пути гармонизации экономических связей между странами Центральной Азии и КНР // Вестник Республика Казахстан, 2020, №3, 0,9 п.л.

[8-М] Асрорзода У.С. Экономическое сотрудничество стран Центральной Азии в контексте их связей с КНР // Известия Академии наук РТ (отделение общественных наук), 2020, 0,85 п.л.

[9-М] Асрорзода У.С. Место Центральной Азии в долгосрочном экономическом развитии СУАР // Издание АГУ при Президенте РТ (Научный журнал), 2020, 3 (47), 0,8 п.л.

[10-М] Асрорзода У.С. Проблемы экономического сотрудничества стран Центральной Азии // Издание АГУ при Президенте РТ (Научный журнал), 2020, 3 (47), 0,9 п.л.

[11-М] Асрорзода У.С. Экономические связи стран Центральной Азии и КНР: структурные проблемы // Вестник университета (РТСУ) (Научный журнал), 2020, 0,5 п.л.

[12-М] Асрорзода У.С. Торгово-экономические отношения между СУАР и странами Центральной Азии // Издание АГУ при Президенте РТ (Научный журнал), Душанбе, 2020, 4 (48), 0,45 п.л.

[13-М] Асрорзода У.С. Асосҳои ғоявӣ ва консептуалии ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ байни ҶХХ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Душанбе: Сино, 2020, 0,85 ҷ.ч.

[14-М] Асрорзода У.С. Роҳҳои таъмини тавозун дар ҳамкории тиҷоратию иқтисодии байни Чин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Душанбе: Сино, 2020, 0,9 ҷ.ч.

[15-М] Асрорзода У.С., Хушвахтзода Қ.Х. Имкониятҳои ҳамгироии иқтисодӣ байни Музофоти худмухтори Синсзяну Уйғур ва Осиёи Марказӣ // Паёми ДМТ (Маҷаллаи илмӣ), Душанбе, 2020, 1 ҷ.ч. бо ҳаммуаллифӣ – муаллиф – 0,7 ҷ.ч.

[16-М] Асрорзода У.С., Хушвахтзода Қ.Х. Аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҶХХ // Паёми ДМТ (Маҷаллаи илмӣ), Душанбе, 2020, 1 ҷ.ч. бо ҳаммуаллифӣ – муаллиф – 0,55 ҷ.ч.

[17-М] Асрорзода У.С., Хушвахтзода Қ.Х. Равандҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисоди дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Халқии Чин // Паёми ДМТ (Маҷаллаи илмӣ), Душанбе, 2020, 1 ҷ.ч. бо ҳаммуаллифӣ – муаллиф – 0,6 ҷ.ч.

Рисолаи илмии Асрорзода У.С. дар мавзӯи «Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва кишварҳои Осиёи Марказӣ» барои дарёфти унвони доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои гузаштан аз марҳалаҳои минбаъдаи ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии дахлдор пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар, бо ҳуқуқи овоз 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: 16 нафар тарафдор, муқобил- нест, бетараф- нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии ДМТ суратҷаласаи № 4 аз 27-уми октябри соли 2020 қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи иқтисодиёти
ҷаҳонии ДМТ, н.и.и., дотсент Саидмуродова М.А.

Котиби ҷаласа
н.и.и., дотсент Гулмамадов А.В.

Имзои Саидмуродова М. А.ва Гулмамадов А.В-ро
тасдиқ мекунам, сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ ________________ Тавқиев Э.Ш.

____ __________ с. 2020